**Ба Шурои диссертатсионии 6 D. КОА-024-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Муродзода Аҳмадон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннахру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Мавзуи мавриди таҳқиқи диссертант яке аз мавзуҳои муҳим ва мубрам ба шумор меравад, зеро то ҳол дар илми таърихнигорӣ ин мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дисертант дараҷаи омӯзиши мавзуъро ба таври муфассал баён намуда, саҳми олимони зиёди ватаниву хориҷиро дар таҳқиқи таърихи замони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV муайян намудааст.

Диссертант мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро намуда, пас аз таҳлили мавзуи мавриди таҳқиқ ба муваффақиятҳои зиёд ноил гаштааст, ки он дар қисмати навгониҳои таҳқиқот баён гаштааст.

Аз қавли диссертант бармеояд, ки ҳарчанд доир ба паҳлӯҳои гуногуни масъалаи мавриди пажуҳиш аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асарҳо ва мақолаҳои илмии зиёд наавишта шуда бошанд ҳам, то ҳол бисёр паҳлуҳои муҳимми мавзуи мазкур, аз ҷумла таърихнигории таърихи ин давра ба таври комилу яклухт ва густурда мавриди таҳқиқ сурат нагирифтааст.

Рисолаи Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми диссертатсия “Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ” унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Муаллиф дар ин боб маъхазҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода

қароргирифта, парокандагии сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва таҳқиқи масъалаи “Шуриши Сарбадорони Самарқанд”-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки маҳз ҳамин шӯриш сабаб шуд, ки аҷнабиёни муғулро, ки ҳудуди ду аср дар Мовароуннаҳр ба зулму истибдоди мардуми бумӣ машғул буданд, ба шикаст дучор созад.

Боби дуюми рисолаи Муродзода А.А. “Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Диссертант дар он бар мабнои маъхазҳои хаттӣ оғози забткориҳои Темурро то фавти ӯ ва муборизаҳои ворисони ӯро пас аз марги Темур таҳқиқ намуда, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Боби сеюми диссертатсия - “Вазъи сиёсии Мовароуннахр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ” аз ду зербоб иборат аст, ки Муродзода А.А. дар он сарчашмаҳои таърихии роҷеъ ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Шоҳрух бахшида шударо мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV-ро таҳлил намудааст.

Диссертант дар боби чоруми диссертатсия вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV-ро таҳқиқ намуда, ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор додааст. Муаллиф пас аз таҳлили маводи маъхазҳои хаттӣ ба чунин хулоса омадааст, ки охири асри XV - ибтидои асри XVI шикасти империяи бузурги Темур тавсиф мешавад ва заиф шудани давлат ба тезутунд шудани зиддиятҳои дохилии синфҳои алоҳидаи ҷамъият мусоидат намуд.

Дар боби панҷуми рисола муаллиф ҳалли масъоили инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро бар мабнои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст, дар осори

олимони узбек инъикоси вахшониятҳои Темур ва Темуриён сарфи назар шудааст.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти Муродзода Аҳмадхон Амрохон кори комил ва ба анҷом расида буда, он ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои докторӣ пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

**Мудири кафедраи сиёсатшиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға: 735735, Вилояти Суғд, ноҳияи Б.Ғафуров,**
**Кучаи Ҷӯрабой Солиев 104,**
**Тел.: +992927889819**
**E-mail: furkat. hamidov@mail. ru**

**Имзои мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон: Бобоев А.Х.**
**Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд микрорайони 17, х.1.**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон:**
**Тел.: +992342223811**
**Факс: +992342225170**
**E-mail: tsulbp@ramble. ru.**

23.06.2025